## Қ А Р О Р И
## МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «_25_»_07__ соли 2015 №_18/32_ ш. Душанбе

Оид ба тасдиқи Низомномаи намунавии озмоишгоҳҳои (лабораторияҳои) илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди раёсати илм ва инноватсияро оид ба Низомномаи намунавии озмоишгоҳҳои (лабораторияҳои) илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда,

қарор мекунад:

1. Низомномаи намунавии озмоишгоҳҳои (лабораторияҳои) илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (Замима мегардад).

2.Ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ вазифадор карда шаванд, ки фаъолияти озмоишгоҳҳои (лабораторияҳои) илмии сохторҳои худ ва муштаракро тибқи талаботи Низомномаи мазкур ба роҳ монанд.

3.Раёсати илм ва инноватсия (Х. Зиёев) рафти амалӣ гардидани талаботи Низомномаи мазкурро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат намояд.

4.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини аввали вазир (Р. Мирбобоев) гузошта шавад.

Раиси мушовара,
вазир Нуриддин Саид

Бо қарори мушовараи Вазорати
маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 25.07. 2015, №18/32
тасдиқ карда шудааст.

**Низомномаи намунавии**
**озмоишгоҳҳои (лабораторияҳои) илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**1. Муқаррароти умумӣ**

1.Низомномаи мазкур оид ба озмоишгоҳҳои (лабораторияҳои) илмӣ (минбаъд - Низомнома) дар асоси талаботи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» таҳия гардидааст.

2.Озмоишгоҳи илмӣ (минбаъд - Озмоишгоҳ) дар фаъолияти худ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» ва Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

3.Низомномаи мазкур ҳуҷҷати муайянкунандаи заминаи ҳуқуқии Озмоишгоҳ ба ҳисоб рафта, фаъолияти Озмоишгоҳро ба танзим медарорад. Бо Низомнома ва Оинномаи озмоишгоҳ сохтори ташкилии Озмоишгоҳ, самтҳои тадқиқоти илмӣ ва фаъолияти инноватсионии он бо дарназардошти имкониятҳои моддӣ-техникӣ ва инчунин тақсимоти вазифаҳо байни кормандони Озмоишгоҳ муайян карда мешаванд.

4. Озмоишгоҳ дар шакли воҳиди сохтории муассисаи илмӣ ё муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, сохтори муштарак ё ҳамчун шахси ҳуқуқии мустақил бо мақсади ба даст овардани сатҳи пешрафтаи илмӣ, корҳои озмоишӣ-конструкторӣ, ҳамчунин истифодаи самараноки иқтидори моддӣ- техникӣ ва кадрии Озмоишгоҳ фаъолият мекунад. Бо мақсади самаранокии фаъолияти Озмоишгоҳ тартиби кори Озмоишгоҳ тасдиқ мегардад, ки дар он дастрасӣ ба истифодабарандагони таҷҳизоти Озмоишгоҳ, асосҳо ва шартҳои дастрасӣ муайян карда мешаванд.

5. Ҳамкории Озмоишгоҳ бо мақомоти давлатӣ, субъектҳои фаъолияти илмӣ ва ё илмию техникӣ дар самти гузаронидани тадқиқоти илмӣ ва озмоишӣ-конструкторӣ дар асоси шартнома анҷом дода мешавад.

**2. Мақсад ва вазифаҳои Озмоишгоҳ**

6. Мақсади асосии фаъолияти Озмоишгоҳ аз инҳо иборат аст: пешниҳоди дастрасӣ барои гузаронидани тадқиқоти илмии олимони

ватанӣ ва хориҷӣ новобаста аз мансубияти идорӣ ва шакли моликияти муассисаи илмӣ ё муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки дар он кор мекунанд; таъмини гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишӣ-конструктории субъектҳои фаъолияти илмӣ ва илмӣ-техникӣ.

7. Барои Озмоишгоҳ чунин вазифаҳо афзалиятнок мебошанд:

1) мусоидат ба амалисозии барнома ва лоиҳаҳои илмӣ ва илмӣ-техникӣ, аз ҷумла бунёдӣ, амалӣ дар самтҳои афзалиятноки рушди илм ва технология, мусоидат ба омодакунии корҳои диссертатсионии магистрӣ, номзадӣ ва докторӣ дар соҳаи дахлдори илмӣ;

2) паҳн намудани донишҳо ва технологияҳои нав;

3) ҷалби донишҷӯён, магистрҳо, аспирантон, докторантҳо, олимони ҷавон ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишӣ-конструкторӣ;

4) гузаронидани тадқиқоти якҷояи илмӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва марказҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ;

5) ба вуҷуд овардани шароит барои тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва ё илмӣ-техникӣ бо мақсади ҷалбкунии инвеститсияҳо ба сектори технологияҳои баландпоя;

6) мусоидат ба инкишофи механизмҳои ҳамшарикии давлатию хусусӣ;

7) истифодаи самараноки асбобҳо ва таҷҳизот барои ҳалли вазифаҳои характери илмӣ ва илмӣ-техникӣ дошта;

8) иштирок дар фаъолияти байналмилалии илмӣ-техникӣ.

8. Озмоишгоҳ вазифаҳои зеринро амалӣ менамояд:

1) иштирок дар гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишӣ-конструкторӣ;

2) коркард ва такмили методика ва барномаҳо, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва технологӣ оид ба гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишӣ-конструкторӣ;

3) расонидани ёрии методӣ ва машваратӣ дар гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишӣ-конструкторӣ, дар тадқиқоти маркетингӣ, санҷиши озмоишии намунаҳои нави мошинҳо, таҷҳизот, асбобҳо, маҳсулот, мавод ва равандҳои технологӣ;

4) таъмини самаранокии баланди корҳои гузаронидашаванда, назорати иҷрои саривақтӣ ва босифати корҳои илмӣ-тадқиқотӣ тибқи барномаҳо ва вазифаҳои тасдиқшуда;

5) ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, банизомдарории иттилоот доир ба корҳои иҷрошуда ва иҷрошавандаи илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишӣ-конструкторӣ бо риояи талаботи тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, талабот оид ба ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, доир ба ҳифзи сирри давлатӣ ва ё тиҷоратӣ муқарраргардида;

6) такмили ихтисоси кормандони Озмоишгоҳ, инчунин омодакунӣ ва бозомӯзии кадрҳо.

### 3. Фаъолияти ташкилии Озмоишгоҳ

9. Озмоишгоҳ барои иҷрои масъалаҳои ба зиммааш гузошташуда:

1) аз дархосткунандаҳо (фармоишгарон) ҳуҷҷатҳо, маълумоту маводеро, ки барои гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишӣ-конструкторӣ зарур мебошанд, дархост намуда, ба даст меоварад;

2) дар мувофиқа бо дархосткунанда (фармоишгар) аз рӯи натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишӣ-конструктории гузаронидашуда корҳои илмӣ ва илмӣ-методиро ба чоп мерасонад;

3) барои иҷро намудани тадқиқот донишҷӯён, магистрантҳо, аспирантон, докторантон ва дигар ходимони илмиро ҷалб менамояд;

4) дар тадқиқоти илмии аз ҳисоби грантҳо ва барномаҳои мақсаднок пардохтшаванда иштирок менамояд, инчунин маблағҳоро аз дигар манбаъҳо ҷалб менамояд;

5) иҷрои тадқиқот ва коркардҳоро дар сатҳи илмӣ-техникӣ ва методологияи муосир ташкил менамояд;

6) оид ба имконияти истифодабарии асбобу таҷҳизот бо субъектҳои илмӣ, фаъолияти илмӣ-техникӣ дошта, аз он ҷумла бо онҳое, ки дар якҷоягӣ бо олимони хориҷӣ, субъектҳои соҳибкории инфиродӣ корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишӣ-конструкториро иҷро менамоянд, шартнома мебандад;

7) истифодабарии ройгони асбобу таҳизотро барои донишҷӯён, магистрантон, аспирантон, докторантон, олимони ҷавон ва ходимони илмии муассисаи илмӣ ё муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки Озмоишгоҳ дар сохтори он мебошад ва ба онҳое, ки мувофиқи барномаҳои таълимии магистрӣ, номзадӣ, докторӣ (аз ҷумла, докторантура аз рӯи ихтисос, доктори фалсафа (PhD)) ва баъдидокторӣ корҳои илмии худро иҷро менамоянд, таъмин менамояд;

8) эмин нигоҳ доштани таҷҳизот, нигаҳдории ҳолати коршоямии он, инчунин истифодаи самараноки онро таъмин менамояд;

9) талаботи стандартҳои давлатӣ, ҳуҷҷатҳои меъёриву методӣ, ки барои гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишӣ-конструкторӣ нишон дода шудаанд, риоя менамояд;

10) махфияти гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишӣ-конструкториро таъмин менамояд;

11) ҳуқуқи моликияти зеҳнии дархосткунанда (фармоишгар)-ро риоя менамояд;

12) талаботро дар соҳаи ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ, инчунин тавсияи истеҳсолкунандаҳои асбобҳо ва таҷҳизоти таҳлилию илмӣ-тадқиқотиро оид ба истифодабарии онҳо риоя менамояд;

13) ба мақомоти ваколатдор оид ба фаъолияти Озмоишгоҳ, аз он ҷумла, оид ба амалисозии маблағгузорӣ, бо шумули маблағгузории базавӣ, ҳисобот пешниҳод менамояд.

## 4. Таъминоти моддӣ-техникӣ ва ташкилии Озмоишгоҳ

10. Заминаи моддӣ-техникии Озмоишгоҳро асбобҳо ва таҷҳизот, инчунин иншоот (биноҳо)-е ташкил менамоянд, ки барои истифода аз ҷониби муассисаҳои илмӣ ё муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дар сохтори он амалкунанда дода шудааст.

11. Озмоишгоҳ бо иншоот (биноҳо)-и махсус таъмин карда мешавад, ки ба талабот ва стандартҳо, ки мувофиқи шартҳои истифодабарӣ (тавсифоти техникӣ)-и таҷҳизот, барои ҷойгир кардани асбобҳо ва таҷҳизот зарурӣ мебошанд, бояд ҷавобгӯ буда, инчунин бинои аз таҷҳизоти таҳқиқотӣ алоҳида барои роҳбари Озмоишгоҳ низ ба он дохил бошад.

12. Ҷадвали штатии Озмоишгоҳ вобаста ба меъёрҳое, ки қонунгузорӣ дар соҳаи меҳнат муайян намудааст, ташкил карда мешавад. Дар ҷадвали штатӣ ҳайати доимии муҳандисӣ ва хизматрасонӣ пешбинӣ карда мешавад.

13. Кормандони Озмоишгоҳ корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишӣ-конструкториро вобаста ба ӯҳдадориҳое, ки дастурамали вазифавиашон муайян намудааст ва вазифаҳое, ки ба ӯҳдаи Озмоишгоҳ гузошта шудааст, ташкил мекунанд ва ба роҳ мемонанд. Дастурамалҳои вазифавиро роҳбари Озмоишгоҳ тасдиқ мекунад ва бо роҳбари муассисаҳои илмӣ ва ё муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки ба сохтори он дохил аст, мувофиқа менамояд.

14. Маблағгузории фаъолияти ҷории Озмоишгоҳҳо, аз ҷумла барои истифодаи иншоот (биноҳо), таҷҳизот ва мавод, музди меҳнати ҳайати маъмурӣ ва хизматрасонӣ, инчунин таъмини иттилоотии фаъолияти илмӣ-техникии он аз ҳисоби маблағҳои муассисаҳои илмӣ ё муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар сохтори он дохил шудааст, ба амал бароварда мешавад (дар буҷаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ё муассисаи илмӣ ҳаҷми маблағгузорӣ бояд тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ ёбад).

Утверждено решением коллегии
Министерства образования и науки
Республики Таджикистан
от 25.07. 2015, №18/32

# ТИПОВОЕ ПОЛОЖЕНИЕ
# О НАУЧНЫХ ЛАБОРАТОРИЯХ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

## 1. Общие положения

1. Настоящее положение о научной лаборатории (далее – Положение) разработано в соответствии с требованием статьи 7 Закона Республики Таджикистан «О научной деятельности и государственной политике по науке и технике».

2. Научная лаборатория (далее – Лаборатория) в своей деятельности руководствуется Законом Республики Таджикистан «О научной деятельности и государственной политике по науке и технике» и настоящим Положением.

3. Настоящее положение является документом, определяющим правовую основу Лаборатории, регламентирует вопросы деятельности Лаборатории. Положением, Уставом Лаборатории определяется организационная структура, направления научно-исследовательской и инновационной деятельности с учетом имеющихся материально-технических возможностей, а также распределение обязанностей работников Лаборатории.

4. Лаборатория создается в форме структурного подразделения научной организации или высшего профессионального учебного заведения, совместного подразделения, или самостоятельного юридического лица и функционирует в целях достижения передового уровня научных исследований и опытно-конструкторских работ, а также эффективного использования материально-технического и кадрового потенциала Лаборатории. В целях эффективной деятельности Лаборатории утверждается регламент Лаборатории, которым предусматривается допуск к оборудованию пользователей лаборатории, основание и условия допуска.

5. Взаимодействие Лаборатории с государственными органами и субъектами научной и (или) научно-технической деятельности по проведению научно-исследовательских и опытно-конструкторских работ осуществляется на договорной основе.

## 2. Цель, задачи и функции Лаборатории

6. Основная цель деятельности Лаборатории – предоставление доступа для проведения научных исследований отечественными и зарубежными учеными независимо от ведомственной принадлежности и формы собственности научной организации или высшего учебного заведения, в которых они работают; обеспечение проведения научно-исследовательских и

опытно-конструкторских работ субъектами научной и научно-технической деятельности.

7. Приоритетными для Лаборатории являются следующие задачи:

1) содействие в реализации научных и научно-технических программ и проектов, в том числе фундаментальных, прикладных по приоритетным направлениям научного и технологического развития, содействие в подготовке магистерских, кандидатских, докторских диссертационных работ в соответствующей области научных направлений;

2) распространение новых знаний и технологий;

3) привлечение студентов, магистрантов, аспирантов, докторантов, молодых ученых к научно-исследовательских и опытно-конструкторских работ;

4) проведение совместных научных исследований с отечественными и зарубежными вузами и научными центрами;

5) создание условий для коммерциализации результатов научной и (или) научно-технической деятельности, в целях привлечения инвестиций в сектор высоких технологий;

6) содействие развитию механизмов государственно-частного партнерства;

7) эффективное использование приборов и оборудования для решения задач научного и научно-технического характера;

8) участие в международной научно-технической деятельности.

8. Лаборатория осуществляет следующие функции:

1) участвует в проведении научно-исследовательских и опытно-конструкторских работ;

2) разрабатывает и совершенствует методики и программы, нормативные и технологические документы по проведению научно-исследовательских и опытно-конструкторских работ;

3) оказывает методическую и консультационную помощь в проведении научно-исследовательских и опытно-конструкторских работ, маркетинговых исследований, опытной проверки новых образцов машин, оборудования, приборов, изделий, материалов и технологических процессов;

4) обеспечивает высокую эффективность проводимых работ, осуществляет контроль за своевременным и качественным выполнением научно-исследовательских работ в соответствии с утвержденными заданиями и программами;

5) осуществляет сбор, хранение, систематизацию информации о выполненных и выполняемых научно-исследовательских и опытно-конструкторских работ с соблюдением установленных законодательством Республики Таджикистан, требований о защите прав интеллектуальной собственности, об охране государственной и (или) коммерческой тайн;

6) проводит повышение квалификации работников Лаборатории, а также подготовку и переподготовку кадров.

## 3. Организационная деятельность Лаборатории

9. Лаборатория для выполнения возложенных на нее задач:

1) запрашивает и получает от заявителей (заказчиков) документацию, сведения и материалы, необходимые для проведения научно-исследовательских и опытно-конструкторских работ;

2) по согласованию с заявителем (заказчиком) публикует научные и научно-методические труды по результатам проведенных научно-исследовательских и опытно-конструкторских работ;

3) привлекает к выполнению исследований студентов, магистрантов, аспирантов, докторантов и других научных сотрудников;

4) принимает участие в научных исследованиях, финансируемых из средств грантового и программно-целевого финансирования, а также привлекает финансирование из других источников;

5) организовывает выполнение исследований и разработок на современном научно-техническом и методологическом уровне;

6) заключает договора на предоставление в пользование приборов и оборудования с субъектами научной, научно-технической деятельности, в том числе осуществляющими научно-исследовательских и опытно-конструкторских работ совместно с зарубежными учеными, научными организациями либо с субъектами частного предпринимательства;

7) обеспечивает доступ и безвозмездно предоставляет в пользование приборы и оборудование студентам, магистрантам, аспирантам, докторантам, молодым ученым и научным работникам научной организации или высшего профессионального учебного заведения, в структуре которого находится Лаборатория, осуществляющих научно-исследовательских и опытно-конструкторских работ в соответствии с утвержденными учебными, магистерскими, кандидатскими, докторскими (в том числе, доктор по специальности, доктор философии (PhD)) и постдокторскими программами;

8) обеспечивает сохранность оборудования, поддержание его в исправном рабочем состоянии, а также его эффективное использование;

9) соблюдает требования государственных стандартов, нормативных и методических документов, предъявляемых для проведения научно-исследовательских и опытно-конструкторских работ;

10) обеспечивает конфиденциальность проводимых научных исследований и опытно-конструкторских работ;

11) соблюдает права интеллектуальной собственности заявителя (заказчика);

12) соблюдает требования в сфере охраны труда, техники безопасности, а также рекомендации производителей приборов и аналитического и научно-исследовательского оборудования по их эксплуатации;

13) предоставляет в уполномоченный орган отчет о деятельности Лаборатории, включая реализацию финансирования, в том числе базового.

## 4. Материально-техническое и организационное обеспечение Лаборатории

10. Материально-техническую базу Лаборатории составляют приборы и оборудование, а также помещения (здание), предоставленные в пользование научной организацией или высшим профессиональным учебным заведением, в структуре которого она функционирует.

11. Лаборатория обеспечивается специальными помещениями (зданием), отвечающими требованиям и стандартам, согласно условиям эксплуатации (технической спецификации) оборудования, необходимыми для размещения приборов и оборудования, включая отдельно расположенное от исследовательского оборудования, помещение для руководителя Лаборатории.

12. Штатное расписание Лаборатории формируется в соответствии с нормативами, определяемыми трудовым законодательством. В штатном расписании предусматривается постоянный инженерный и обслуживающий персонал.

13. Сотрудники Лаборатории организуют и осуществляют научно-исследовательских и опытно-конструкторских работ в соответствии с обязанностями, определяемыми их должностными инструкциями и возложенными на Лабораторию функциями и задачами. Должностные инструкции утверждаются руководителем Лаборатории и согласовываются с руководителем научной организации или высшего профессионального учебного заведения, в структуре которого она находится.

14. Финансирование текущей деятельности Лаборатории, включая содержание помещений (здания), оборудования и материалов, оплату труда административного и обслуживающего персонала, а также информационное сопровождение ее научно-технической деятельности, осуществляется из средств базового финансирования научной организации или высшего профессионального учебного заведения, в структуре которого она находится (в бюджете высшего профессионального учебного заведения или научной организации объем финансирования должен быть прописан согласно действующему законодательству Республики Таджикистан).